БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# ШАРҲИ НИЗОМИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ СЕЮМИ СОЛИ 2021

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 30 сентябри соли 2021 дар маҷмӯъ 63 ташкилоти қарзии молиявӣ, 19 ташкилоти суғуртавӣ, 4 ташкилоти лизингӣ, 2 биржаи фондӣ (Биржаи фондии Осиёи Марказӣ ва Биржаи фондии Осиё) ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (АСИН) фаъолият намуданд.

Дороиҳои умумии бахшҳои низоми молиявӣ дар семоҳаи сеюми соли 2021 дар маҷмӯъ ба 24 466,0 млн. сомонӣ баробар гардид, ки дар муқоиса ба аввали сол ба андозаи 14,0 фоиз кам мебошад. Коҳишёбии дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ вобаста ба мукаммал гардидани сохтори низоми бонкӣ ва ташкилотҳои лизингӣ дар давраи ҳисоботӣ ба коҳишёбии дороиҳои низоми молиявӣ боис шуд. Дороиҳои низоми молиявӣ нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бошад, дар давраи ҳисоботӣ ба 26,0 фоиз баробар гардид.

***Сохтори низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| | 30.09.2021 | | | |
|---|---|---|---|---|
| | адад | дороиҳо (млн. сомонӣ) | (% аз ҷамъ) | Афзоиши дороиҳо нисб. авв. сол (%) |
| **Ташкилотҳои қарзии молиявӣ** | **63** | **22 221,7** | ***90,8*** | **-15,5** |
| ***Бонкҳо*** | ***15*** | ***18 179,4*** | ***74,3*** | ***-20,2*** |
| *Бонки давлатӣ** | *2* | *4 995,6* | *20,4* | *-53,2* |
| *Бонки исломӣ* | *1* | *181,5* | *0,7* | *31,4* |
| *Бонкҳои хориҷӣ* | *6* | *3 401,7* | *13,9* | *-0,2* |
| *Бонкҳои дигар* | *6* | *9 600,6* | *39,2* | *12,2* |
| ***Ташкилотҳои маблағгузории хурд*** | ***48*** | ***4 042,3*** | ***16,5*** | ***14,6*** |
| *Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд* | *17* | *3 166,4* | *12,9* | *13,2* |
| *Ташкилотҳои қарзии хурд* | *4* | *289,6* | *1,2* | *10,0* |
| *Фондҳои қарзии хурд* | *27* | *586,3* | *2,4* | *25,8* |
| ***Филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ*** | **297** | | | |
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ** | **19** | **529,2** | **2,2** | **28,3** |
| **Ташкилотҳои лизингӣ** | **4** | **231,0** | **0,9** | **-7,1** |
| **Биржаҳои фондӣ** | **2** | | | |
| **АСИН**** | **1** | **1 484,1** | **6,1** | **0,0** |
| ***Ҳамагӣ:*** | ***89*** | ***24 466,0*** | | ***-14,0*** |
| ***Бо % нисбат ба ММД*** | **26,0** | | | |

**Бо иштироки сармояи давлатӣ*

***Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумот ба ҳолати 31.12.2020)*

Дар давраи ҳисоботӣ 90,8 фоизи дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар ба низоми бонкӣ рост омада, ҳиссаи боқимондаро дороиҳои АСИН (6,1 фоиз), ташкилотҳои суғуртавӣ (2,2 фоиз) ва ташкилотҳои лизингӣ (0,9 фоиз) ташкил медиҳанд[1].

Низоми бонкии кишвар аз ду гурӯҳ: ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ иборат буда, ташкилотҳои қарзӣ дар навбати худ бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд (ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд)–ро дар бар мегиранд. Дар семоҳаи сеюми соли 2021 дороиҳои низоми бонкӣ нисбат ба аввали сол ба андозаи 15,5 фоиз коҳиш ёфта, ба 22 221,7 млн. сомонӣ баробар гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 297 филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ, 2 равзанаи бонкии исломӣ, 1 559 марказҳои хизматрасонии бонкӣ ва маблағгузории хурд ба аҳолии кишвар хизматрасониҳои худро пешниҳод намуданд.

Дар ин давра 19 адад ташкилотҳои суғуртавӣ, аз ҷумла 2 ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 17 ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ бо 72 адад филиалҳои худ хизматрасониҳои суғуртавиро ба аҳолии кишвар пешниҳод намуданд. Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ нисбат ба аввали сол ба андозаи 28,3 фоиз афзуда, ба 529,2 млн. сомонӣ баробар гардид.

Дороиҳои ташкилотҳои лизингӣ дар муқоиса ба аввали сол ба андозаи 7,1 фоиз коҳиш ёфта, 231,0 млн. сомониро ташкил намуд.

Дороиҳои АСИН бошад, дар давраи ҳисоботӣ 1 484,1 млн. сомониро ташкил намуда, ба 6,1 фоизи дороиҳои низоми молиявӣ баробар гардид.

---

[1] Эзоҳ: Ҳангоми дастрас гардидани маълумоти зарурӣ аз рӯи фаъолияти Биржаи фондии Осиёи Марказӣ, Биржаи фондии Осиё, ташкилотҳои ломбардӣ ва АСИН маводи мазкур такмил дода мешавад.